*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия*
*ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи “Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Пешрафти иқтисоди ватанӣ ба рушди босуръати низоми бонкӣ вобастагии калон дошта, амалиётҳои рақамӣ дар таъмини он нақши муҳим мебозанд. Бе рақамикунонии равандҳои таъминсозии амалиётҳои боъэтимод, зуд ва қулай ҷавобгӯйи талаботи бозор будан барои низоми бонкӣ масъалаи душворҳал мебошад. Дар шароити имрӯза мизоҷон мехоҳанд, ки хизматрасониҳои бонкӣ бидуни ташриф ба ташкилотҳои қарзӣ амалӣ шуда, дастрасӣ ба суратҳисобҳои худ дар реҷаи 24/7/365, яъне доимӣ доша бошанд. Аз тарафи дигар, кам кардани хароҷотҳо, паст намудани фоиз ва ҳаққи хизматрасониҳо дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ворид намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ ғайриимкон аст.

Рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ падидаи нав буда, аксаран, дар сатҳи қадамҳои аввал ҷой дошта, байни онҳо низоми бонкӣ яке аз пешқадамон ба ҳисоб меравад. Пешниҳоди амалиётҳои рақамии бонкӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ амалӣ гашта истодааст, тафаккури мизоҷонро нисбати хизматрасониҳои бонкӣ иваз намуданд. Имрӯз ташкилотҳои қарзӣ қадам ба қадам кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, то дигаргуншавии рақамии худро амалӣ намуда, хизматрасониҳоро ба сатҳи сифатан баланд бардошта, самаранокии худро зиёд намоянд.

Омузиши автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки дар он масъалаҳои васеъи назариявӣ ва амалии мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта шудаанд.

Ба тарафҳои мусбии диссертатсия, дар асоси автореферати пешниҳодшуда, метавон қайд намуд, ки дар он таҳлили низоми бонкии ватанӣ дар шароити рақамикунонӣ анҷом дода шуда, арзёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва ҳолати муосири инфрасохтори амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шудааст. Инчунин, муаммоҳои асосие, ки ба рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ мебошанд, муайян карда шуда роҳҳои ҳалли онҳо асоснок карда шуда тадбирҳои вусъат бахшидани рушди ин амалиётҳо пешниҳод карда шудаанд.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба ворид намудани қонунгузории амалкунанда ва дар ин ин замима ташкили бонкҳои рақамӣ ё необонкҳо ҳамчун сохтори нав дар низоми бонкии ватанӣ аз тарафи мо қобили қабул

дониста шуда, ҳисобҳои муаллиф оид ба дурнамои рушди нишондиҳандаҳои асосии амалиётҳои рақамии бонкӣ барои давраи то соли 2030 дорои асосноккунии илмӣ мебошад.

Таҳлили мундариҷаи автореферат нишон медиҳад, ки аз тарафи муаллиф корҳои зиёде ба анҷом расида, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия ба талаботи Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари нуктаҳои мусбие, ки дар боло қайд шудаанд, автореферат дорои чунин камбудиҳо мебошад:

1. Дар расми 1. (саҳ. 11) муаллиф ҳамкориҳои ташкилотҳои қарзӣ бо шарикони рушдро нишон додааст. Ба фикри мо, дар он ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ дарҷ нашудааст.
2. Муаллиф пешниҳоди дастгирии соҳибкорӣ дар фазои электронӣ – интернет-мағозаҳо; маркет-плейсҳо ва ғайра, кардааст, аммо механизми он оварда нашудааст.

Камбудиҳои қайдшуда қиммати назариявӣ ва амалии таҳқиқотро коста намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи “Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисод, и.в. профессор, мудири
кафедраи менеҷменти байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии нрazди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Қодирова Г.Т.**

**Имзои Қодирова Г.Т. – ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикеистон **Зоирхонзода Ф.З.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734003, кӯчаи Саид Носир, 33
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
почтаи эл.: info@apa.tj, тел: +992(37) 224-17-86, 372-24-17-86